Тақриз

**ба диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович, ки ба таҳқиқи мавзӯи «Абдулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри Х-нимаи аввали асри XI» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ., бахшида шудааст.**

Таҳқиқу баррасии масоили мухталифи адабиёти арабизабони форсу тоҷик дар адабиётшиносии муосири мо ҳарчанд пешинаи қадим дорад, вале бидуни тардид метавон изъон дошт, ки ин масъала махсусан дар ду даҳаи ахир замони истиқлол вусъату доманаи чашмгире пайдо намуд.

Мурури корҳои анҷомшуда дол бар ин аст, ки насли тозае аз муҳаққиқони ҷавон ба майдони таҳқиқ гом ниҳодаанд, ки бо диду биниши хос, сатҳи андешагиву ҷаҳонгирӣ, зеҳнияти вижаи хеш фарқ мекунанд Муҳим аз ҳама эшон ба мероси ниёкон хидмате, ки гузаштагон дар заминаи адабиётшиносӣ, махсусан рушду камоли забону адабиёти араб намудаанд, бетафовут нестанд. Онҳо дар сададанд бо кофтукову пажӯҳишҳои густурда ба муҳимтарин иттилооту ахбори сарчашмаҳои мавҷуди илмӣ даст ёбанд, маводи мавриди назарро дастабандӣ кунанд, то нақши донишмандону фозилони пешин дар заминаи рушду камоли забону адабиёти араб, ки бо фарҳангу адаби мо пайванду иртиботи танготанг доранд, таъйин гардад.

Дар ривоҷу равнақи пажӯҳишҳо дар арабшиносӣ, чи дар заминаи адабиёт ва чи забон саҳми муҳаққиқони ҷавони вилояти Суғд, махсусан Донишгоҳи Хуҷандро бояд таъкид намуд. Дар 10-13 соли охир диссертатсияҳои зиёде дар ин замина таълифу ҳимоя гардиданд.

Боиси хушнудист, ки диссертатсияи Холов Н. Ё. низ таҳти унвони «Абдулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри Х-нимаи аввали асри XI» ба ҳамин мавзӯъ ихтисос дорад. Дар имтидоди таърих донишмандону олимони зиёди форснажод бидуни таассубу бадбинӣ, бо зарфияту имконоти зеҳние, ки

доштанд, дар таблиғу тарвиҷ, пешрафту инкишофи забони арабӣ, адабиёти араб саҳм гирифтанд, ки намунааш Абулфазли Миколӣ мебошад.

Диссертатсияи мавсуф аз муқаддима, се боб, хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима перомуни заминаҳои интихоби мавзӯъ, пешинаи таҳқиқу пажӯҳиши он, махсусан таҳқиқоти анҷомшуда дар заминаи таъсири мутақобилаи фарҳангу адаби форсиву арабӣ, дар солҳои охир сухан рафтааст, хотирнишон гардида, ки дар масири тӯлонии таърихи адабиёт донишмандони эронинасле, ки атрофи масоили густурдаи забону адабиёти араб кор карданд, ҳадафашон танҳо рушду камоли адабиёти араб набуд, балки бо забони арабӣ манзур сохтани фарҳангу адаби пешиниён, зинда нигоҳ доштани расму сунани ниёгон буд. Комилан дуруст аст, ки насли имрӯзи олимону муҳаққиқон вазифадор аст, умқу паҳнои хидмати эшонро ба риштаи таҳқиқ бикашад ва пешкаши ҷомеаи имрӯзӣ созад.

Чунин мавзӯоти камшинохташуда мутаассифона пуршуморанд. Дар осори таҳқиқӣ, зимни арзёбии корномаи муҳаққиқони мавриди назар ба муҳити камолу фаъолияти эҷодии эшон таваҷҷуҳи вижа мабзул мегардад ва ин беиллат нест. Зеро муҳити илмӣ, адабӣ бо доштани имконоту зарфиятҳои лозим ба муҳаққиқ шароиту ангеза, медиҳад, бинишу ҷаҳоннигарии лозимро фароҳам месозад, самт медиҳад. Бо назардошти ин дар **боби нахусти** рисола чигунагии муҳити сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросон дар замони Абулфазли Миколӣ тарҳ шудааст.

Диссертант дар зерфасли аввал бар мабнои дидгоҳҳои муаллифони сарчашмаҳо ва маъхазҳо, андешаи муҳаққиқони адабиёт, перомуни яке аз маъруфтарин шаҳрҳои Хуросон Нишопур сухан дар миён гузошта, таъкид мекунад, ки нақши ин шаҳри таърихӣ ҳамчун маркази сиёсиву фарҳангӣ, илмиву таҳқиқӣ ниҳоят бориз аст.

Иттилооти мундариҷ дар ин бахш бештар ҷанбаи таърихӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, равонӣ доранд, ки ҳамагӣ дар зоти худ арзишманданд, ки аҳамияту арҷ ва вусъату паҳнои онро дар ин андешаи М. Кадканӣ, ки дар диссертатсия нақл шуда, метавон хулоса намуд: «Ин Нишопур дар нигоҳи ман фишурдааст аз Эрони бузург. Шаҳре дар миёни абрҳои устура ва низ равшанoии таърих бо субҳдаме, ки шуҳраи офоқ аст. Таърихи ин сарзаминро бояд аз гӯшаву канори китобҳои кухна ва сафолҳои амиқи мӯзаҳои бегона ва санги қабрҳои шикаста фароҳам овард, чаро ки чизе барои ӯ боқӣ нагузоштаанд ва ончи боқӣ гузоштаанду ҳарчи дошта, бо фирӯзаҳояш дар ғорати шабонаи тотор, гоҳе нигини ангуштарин зоҳидони риёӣ шудаасту гоҳе хурҷини асли рӯсалиёнро оростааст» [саҳ. 12].

Дар зерфасли дуюми боби аввал ба таври мустақим Нишопур ҳамчун доираи адабӣ ва нақши он дар инкишофу пешрафти забону адабиёти араб мавриди баррасӣ қарор мегирад. Равшан аст, ки дар имтидоди таърих аксари шаҳрҳои бузурги Хуросон ҳамчун марказҳои сиёсиву иқтисодӣ, адабиву фарҳангӣ шакл гирифта буданд, ки намунааш Нишопур аст. Дар домани шаҳрҳои бузург шоирону нависандагони зиёде гирд омада буданд, ки аксар дар радифи забони модарӣ ба фарҳангу адаб, илму маърифати араби тасаллути комил доштанд. Аксари донишҳои марсуми замон дар ин марказҳои илмиву фарҳангӣ ривоҷу равнақ пайдо менамуданд. Беҳуда нест, ки Хуросонро «биҳишти донишмандон ва Нишопурро бузургтарин марзи дониши Эрон» мешумориданд [саҳ. 25].

Перомуни доираи адабӣ-фарҳангии Нишопур дар маъхазу сарчашмаҳо иттилооти фаровонеро метавон пайдо намуд, аммо тавре ки аз мурури маводи мундариҷ дар диссертатсия маълум мешавад, муътабартарин сарчашма таълифоти ҳамасри Абулфазл Абумансури Саолибӣ мебошад. Машҳуртарин асари мавсуф «Ятимат уд даҳр» мебошад, ки фарогири иттилооти фаровони илмӣ-адабӣ мебошад. Муҳаққиқони баъдӣ дар заминаи адабиёту фарҳанг маводи ин асари

арзишмандро такрор намудаанд. Саолибӣ дар ҷилди чаҳоруми китоби худ дар бораи 27 шоиру адиби Нишопур иттилоъ додааст, ки ҳамагӣ парвардаи доираи адабии Нишопур мебошанд.

Муаллифи рисола ба таври мухтасар иттилооти мавҷуд дар китоби Саолибиро аз нигоҳи ҳиммату арзиши илмӣ-адабӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бояд таъкид намуд, ки диссертант талош намуда, тамоми маълумоти «Ятимат-уд-даҳр»-ро дар атрофи шахсиятҳои адабӣ ба таври амиқу густурда арзёбӣ намояд ва нуқтаи пайванду бастагии онҳоро бо хонадони Миколиён муайян созад. Ин ҷиддияту таваҷҷуҳ дар таҳқиқ ӯро ба ин натиҷа расонида, ки «дар доираи адабии Нишопур таҳти иноятӣ Миколиён ва хосатан Абулфазли Миколӣ 41 нафар шоир ва адиби арабизабон, ки зода ва парвардаи муҳити адабии ин шаҳри фарҳангӣ буданд, ба эҷоди асари мансуру манзум пардохта буданд» [саҳ.34].

Бояд арз дошт, ки такяи аслии диссертант дар тавсифи вазъу чигунагии доираи адабии Нишопур бештар ба таълифоти Саолибӣ буда ва бар мабнои навиштаҳои ӯ зикр шуда, ки ба ҷуз шоирону адибони муҳими Нишопур боз шоирони дигаре шомили ин доира буданд, ки аз нукоти нукоти мухталифи Эрон ва ҳатто аз мамолики араб ба Нишопур омадаву дар ин муҳити адабӣ кору фаъолият намуданд. Дар диссертатсия асомии 17 нафар аз эшон зикр гардида ва таъкид шуда, ки камолу боландагони ин доираи адабӣ бештар ба ҳиммату саъю талоши оли мақом бастагӣ дошт.

Дар зерфасли мазкур ба таври мухталиф атрофи анвои шеърии марсум дар ин доираи адабӣ изҳори назар шудааст.

Зерфасли сеюми боби аввал ба таҳлилу баррасии нақши миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли адаб ихтисос дорад.

Диссертант дар ин бахш саъй намуда нақшу хидмати хонадони миколиёнро бар асоси чеҳраҳои машҳури адабӣ, ки дар рушду камолашон аҳли ин хонавода саҳм дошта бозтоб намоянд.

Гузашта аз ин барои тарҳи амиқу дархури масъала аз таълифоти намояндагони ин хонадон аз ҷумла падари Абулфазл Абунаср шавоҳиди фаровон зикр шудааст.

Диссертант барои нишон додани мақому ҷойгоҳ ва шахсияти Абунаср ба андешаҳои яке аз маъруфтарин намояндагони доираи адабии Нишопур Бадеъ уз замони Ҳамадонӣ истинод меварзад. Бадеъ уз замони Ҳамадонӣ, Абунаср ва чанд тани дигар аз намояндагони хонадони миколиёнро мавриди ситоишу мадҳ қарор дода, зимнан ба нақши эшон дар истеҳкому густариши доираи адабии Нишопур таъкид меварзад.

Саолибӣ, ки дар боло зикраш рафт, аз дӯстони наздики ин хонадон буд ва барои ривоҷу равнақи фаъолияти илмии вай нақши ин хонадон бисёр муҳим аст. Маҳз бо туфайли саъю талоши намояндагони хонадони миколӣ барои Саолабӣ имконоти зиёде барои пешбурди масоили илмӣ, фароҳамсозии шароитҳои лозим барои ҳамоишҳои илмӣ ва дидор бо шахсиятҳои илмӣ фароҳам омаданд.

**Боби дувуми диссертатсия** бо таҳлилу арзёбии осори Абулфазли Миколӣ бахшида шудааст. **Зербоби аввали боб** ба зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ ихтисос дорад, вале муаллиф кӯшида иллати миколӣ ном гирифтани хонадон, нахустин саромадони ин дудмон ва муҳимтарин падидаҳои таърихиеро, ки боиси ба раёсат расидани хонадони миколиён гашта, тавсиф намояд. Муаллиф хеле дақиқу мушикофона раванди шаклгирӣ, нуфузу иаъсири ин хонаводаро дар тӯли замон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар радифи таҳлилу арзёбии санаду далелҳои таърихӣ муаллифи дисертатсия саъй намуда, перомуни вазъи иҷтимоӣ, мазҳаб ва рағбату тамоюли ӯ ба умури созандагӣ бар асоси осораш натиҷагирӣ намояд. Диссертант дар зерфасли дуюми боби дуюм мероси манзуму мансури Абулфазли Миколиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Онҷи ки аз мутолиоту пажӯҳишҳои муаллифи рисола бармеояд Абулфазли Миколӣ дар тӯли умр ба хотири фаро гирифтани улуми

марсуми замонааш ба маркази муътабари илмиву фарҳангӣ мусофиратҳо доштаву пеши донишмандони номдор илм омӯхтааст.

Абулфазли Микотӣ махсусан дар риштаи фиқҳу ҳадис ва забону адабиёти араб мутолиоти фаровон доштааст. Ба андешаи диссертант зимни омӯзишу мурури осори номбурда вусъату доманаи дониши ӯ пеши назари хонанда ҳувайдо мешавад.

Беҳуда нест, ки намунаҳои осори ӯ дар таълифоти ҳамзамонаш Саолибӣ ва бисёре аз сарчашмаву маъхазҳои адабӣ нақл шудаанд. Муаллифони сарчашмаҳо зимни иқтибоси ашъор, афкору андешаҳои номбурда ба зеҳният, дунёи андеша, донишу фазл, сатҳи неруву қудрати вай дар шеъру шоирӣ ишорат варзидаанд.

Диссертант зимни бозгӯи афкору андешаҳои муаллифони тазираву баёзҳо ва дидгоҳҳои олимону адабиёт тавониста, назари хоси хешро перомуни қиммату арҷи осори Абулфазли Микотӣ баён созад.

Гузашта аз ин дар ин бахш зиёда аз даҳ асари мансури Абулфазли Микотӣ зикр гардида, шарҳи мухтавои онҳо оварда шудааст. Албатта ин китобҳо бештар дар таълифоти Саолибӣ омадаанд. Саолибӣ аз ҳар таълиду рисолае беҳтарин пораҳоро интихобу вориди китоби худ намудааст.

Абулфазли Микотӣ олим, муҳаққиқ ва шоири тавоно буда ва девони комили шеър ҳам доштааст, ки мутаассифона то замони мо боқӣ намондааст, вале пораҳои ашъораш дар сарчашмаву ҷузъҳои гуногун боқӣ мондаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои маъноӣ ва ҳунарии осори Абулфазли Микотӣ» номгузорӣ шуда, дар зерфасли аввалаш мавҷудияти анвои шеърӣ ва мазмуну сурудаҳои шоир таҳлилу арзёбӣ гардидаанд. Пажӯҳишу таҳқиқ муаллифро ба ин натиҷа расонида, ки аз Абулфазли Микотӣ дар маҷмӯъ 194 қитъа ва 178 байт боқӣ мондааст. Аз ин теъдод 57 қитъаро ғазал, 39 қитъаро панду андарз ва 32 қитъаро ашъори васфӣ ташкил менамояд.

Дар диссертасия нигоҳе ба ғазалҳои шоир ва дарунмояҳои онҳо афканда шуда. Ба қавли унвонҷӯ аксари ишқияҳои шоир шомили мавзӯъҳои ҷовидонии шеъри классик аст, ки намунааш тасвири ҳусну малоҳат, ҷабру ҷафо, беэътиноии маъшуқа ва ғ… мебошад.

Ба андешаи унвонҷӯ руҳияи озодагии фарҳангӣ дар ашъори ӯ ба таври барҷаста мушоҳида мешавад.

Дар ин бахш намунае аз ишқияҳои шоир аз нигоҳи сурату маънӣ, ҷанбаҳои равоншинохтӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Омӯзишу таҳқиқ муаллифро ба ин натиҷа расонида, ки дар ишқияҳо нахустин вожагони ғазалиёт ва баёни ҳадафи аслӣ нақши корсозро ифо мекунанд.

Умуман диссертант ғазалҳои ишқиро дар девони шоир жанри калидӣ мешуморад. Ба андешаи муаллиф панду андарз, ашъори ҳикамӣ дар девони Абулфазли Миколӣ пас аз ғазал ҷойҳои хосеро ишғол менамояд.

Диссертант барои таъйиди андеша шавоҳиди фаровонеро аз девон нақл намуда, зимнан онҳоро бо замони ноби тоҷикӣ тарҷумаву тафсир намудааст. Мурури ашъори ҳикамӣ ҳар касеро ба ин натиҷа мерасонад, ки зеҳни Абулфазли Миколӣ ҳамвора даргири мавзӯъҳои ҷовидонии адабиёт будааст. Ҳамсониҳои зиёде дар андешаи ӯву шоирони пешини мо ба чашм мерасад. Ашъори васфӣ, махсусан васфи табиат ва аносири он, мавҷудоти муҳити зист, дар девони шоир барҷастагии хосе дорад.

Дар зерфасли дуюми боби мазкур бошад, шеваҳои корбурди санъатҳои бадеӣ, махсусан ташбеҳу истиора, тасвирпардозӣ, сифатчинӣ ва ғ… дар ашъори шоир ҳаллу фасл шудаанд.

Охирин зерфасли рисола ба арзёбии ҷанбаҳо ва вижагиҳои сабки шоирони Абулфазли Миколӣ иртибот мегирад.

Нахуст бояд ёддовар шуд, ки шинохти сабку шохисҳои он дар осори як нависанда амри бисёр душвору масъулиятнок аст. Зеро як ҳунарманд замоне соҳибсабк мешавад, ки марҳилаи муайянеро дар масири эҷоду офариниш тай кунад, диду биниш, шеваи бархурд, зовияи

дид, шохисҳои равонии хешро зимни офариниш дар зеҳну ҳуши вожагон ҷойгузин созад, то сурати офаридаи ӯ ойинаваш симои ӯро ба хонанда бинамоёнанд. Ин амр албатта бидуни таъсиру таъсипазирӣ аз гузаштагон ва ҳамасрон, муҳити зисту эҷод муяссар нест. Ба андешаи мо муаллифи диссертатсия дар шинохту маърифати сабки Абулфазли Миколӣ ба андозае комёб шудааст. Аммо ин гоми аввали мавсуф аст, ки бояд дар оянда идомат пайдо намояд.

Бояд арз дошт, ки дар радифи муваффақияту комёбиҳо дар таълифи рисола бархе иштибоҳу костагиҳо ба чашм мерасанд, ки зикрашон номуносиб нахоҳад буд.

1. Нахустин эроде, ки ба чашм мерасад, корбурди мафҳуму истилоҳоти умумиест, ки дар таълифи автореферат ва корҳои илмӣ ҳузур доранд. Ин мафҳуму ибороти истилоҳӣ чи дар диссертатсия ва чи дар автореферат сохта, сунъӣ ва гоҳо нодуруст ба кор рафта ва мутаассифона дар таҳқиқоти аксари ҷавонон дида мешаванд. Масалан: мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот; дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ; Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ; таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он; саҳми шахсии довталаб.

   Ҳар яке аз ин ҷумлаҳо аз нигоҳи маъно, мантиқ костагиву норасоӣ доранд, гоҳо зери ҷумлаи русӣ тарҷума шудаанд. Мисол калимаи довталаб комилан нобаҷост.
2. Дар номгузории боби аввал, дар диссертатсия ва автореферат ноҳамгунӣ дида мешавад. Мисол дар диссертатсия унвони боби аввал дар мундариҷа чунин омада: «Муҳити сиёсӣ-фарҳангиву адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ». Дар автореферат бошад ба ҷои Нишопур Хуросон омада, ки бо назардошти матолиби матруҳа дуруст аст.
3. Дар диссертатсия ишора нашуда, ки тарҷумаи мисолу шавоҳиди мавҷуд мутааллиқ ба кист.

4. Баъзе мисолҳо такрор шуда, вале тарҷума бидуни матни асл омадаааст. (саҳ.115). Аҳлан би фаҷри……
5. Унвони боби сеюм низ як андоза мубҳам ба назар мерасад. «Вижагиҳои маъноӣ», ки ба андешаи мо тарҷумаи ибораи «семантические особенности» мебошад, дар матни боб ҳузури махсус надорад. Дар чунин мавриде бояд дар оғоз муаллиф шарҳ медод, ки манзураш аз «вижагиҳои маъноӣ» дар ҷараёни таҳқиқ чист. Вале ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзишу қиммати диссертатсияро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат ва мақолаҳои чопшуда бо муҳтаво ва сохтори диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии мазкур мебошад.

Муқарризи расмӣ, Сафаров Умархоҷа Раҳимович
доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи филологияи
Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имзои Сафаров У.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДМТ Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 7340025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E mail: umar_safar@mail.ru

9.08.2021